«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири
Хусрав, доктори илмҳои педагогӣ
________профессор
Шодиён М.С.
3 апрели соли 2019

# ХУЛОСАИ

## Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Рисола дар мавзӯи «Асосҳои методии ташаккули услуби тафаккури илмии хонандагон дар ҷараёни таълими химия (аз рӯи маводи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» дар кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба анҷом расонида шудааст.

Дар давраи навишта шудани рисола унвонҷӯ Расулов Субҳон Пирмадович ба ҳайси омӯзгори кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносӣ Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав кор мекунад.

Ӯ соли 2003 факултети химияи Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусравро бо ихтисоси «муаллими химия» хатм кардааст.

Гувоҳинома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ дар соли 2019 (№18/25 аз 25.04.2019сол) дар ДДБ ба номи Носири Хусрав мавҷуд мебошад.

Роҳбари илмӣ - Холназаров Санг, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими фанхои табиатшиносӣ ДДБ ба номи Носири Хусрав мебошад.

Мутобиқ ба натиҷаҳои муҳокима хулосаҳои зерин қабул карда шуданд:

Химия ҳамчун фанни таълимӣ имкониятҳои зиёде дорад, ки онҳоро барои азхуд намудани донишҳои муосири химиявӣ, рушди хотира ва тарзи илмии маърифат истифода бурдан мумкин аст. Рушди зеҳн ва

хотираи хонандагон дар раванди таълими химия яке аз вазифаҳои асосии рушди фаъолияти таълимӣ-маънавӣ ва шахсияти хонандагон ба шумор меравад.

Муҳиммияти мавзӯи таҳқиқоти мазкур дар он аст, ки имкониятҳои дидактикии ба курси химия мувофиқ набуда ва истифодаи сусти ин имкониятҳоро дар ташаккули услуби тафаккури илмӣ, коркарди нопурраи проблемаи макурро дар адабиёти педагогӣ, хусусан дар ҷумҳурии мо, зарурати ҷустуҷӯи роҳҳои истифодаи имкониятҳои дидактикии химияро дар раванди бартараф сохтани тарҳи шуури хонандагон ва рушди шахсияти эҷодии онро дар шароити муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ фаро мегирад.

Ҳамаи гуфтаҳои боло мубрамияти мавзӯи диссертатсионии интихобшударо асоснок карда, арзиши илмӣ ва моҳияти амалии онро тасдиқ менамоянд.

Иштироки шахсии диссертант дар ба даст овардани натиҷаҳои дар рисола дарҷгашта:

**Навгонии илмӣ ва аҳамияти назариявии таҳқиқот** бо муайян намудани имкониятҳои дидактикии химия дар татбиқи технологияи ташаккули тафаккури илмӣ тибқи истифодаи категорияҳои фалсафӣ ва нишонаҳои фаъолияти эҷодии хонандагони мактабҳои ҳамагонӣ, зарурати ташаккули тафаккури илмии хонандагон аз ҷиҳати назариявӣ асоснок гардонида шуд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот**:

- технологияи ташаккули тафаккури илмӣ дар асоси истифодаи категорияҳои фалсафии курси химия санҷида ва пешниҳод карда шуд, ки онҳо имкон медиҳанд вазифаҳои гуманитарии консепсияи таълими мактабӣ бомуваффақият ҳал карда шаванд;

- маводиди дидактикӣ дар шакли иттилоот ва варақаҳои методӣ, вазифаҳои хусусияти эҷодидошта коркард гардида, бо мақсади ташаккули тафаккури илмӣ дарсҳои ғайрианъанавӣ (дарс-сухбат, дарсҳои амсиласозӣ, дарсҳои бозиҳои иттилоотӣ) гузаронида шуд, ки

истифодаи онҳоро ба дигар муаллимони мактабҳои ҳамагонӣ тавсия додан мумкин аст.

**Санҷиши натиҷаҳои таҳқиқот**-натиҷаҳои асосии тадқиқот дар ҷараёни омӯзиши химия дар муассисаҳои таълимии шаҳри Бохтари вилояти Хатлон, дар кафедраи «Методикаи таълими фаннҳои табиатшиносӣ»-ии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, дар конференсияҳои омӯзгорон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва ғайра баррасӣ ва муҳокима шуданд. Ҳамчунин эътимоднокӣ ва самаранокии рисолаи илмиро натиҷаҳои тадқиқот, тамоюл ба корҳои назариявӣ дар таълими равиявӣ усулҳое, ки дар таҳқиқот истифода шудаанд, натиҷаҳои таҷрибаи эксперименталӣ, ҳузури шахсии муаллиф дар гирифтани натиҷаҳои илмӣ, ки дар рисола нишон дода шудаанд исбот гардидааст.

Муқаррароти асосии кори диссертатсионӣ дар 8адад мақолаи чопӣ бо ҳаҷми 4 ҷузъи чопӣ, минҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои илмӣ ва нашриёҳои шомили феҳрасти тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд.

Корҳои илмии нисбатан муҳим доир ба мавзӯи рисола:

1. Нақши категорияҳои фалсафӣ дар ташаккул додани услуби тафаккури илми дар раванди таълими химия. Вестник Таджикского национального университета. **(ISSN 2074-1847)** №3/8: (218) стр. 230-235. 2016 г.
2. Истифодаи имкониятҳои фаъолияти эҷоди барои ташаккули услуби тафаккури илми дар таълими химия химия. **(ISSN 2074-1847)** №2 стр. 219-224.
3. Ташаккули услуби тафаккури илми ҳангоми омӯзиши мафҳумҳои умумии химия тавассути категориҳои таърихи ва мантиқӣ. **(ISSN 2074-1847)** №3 стр. 267-273.2017г
4. Психологические особенности формирования способа научного мышления школьников при изучении химии. **(ISSN 2309-6764)** №1-3(55)-2018, саҳ. 135-139
5. Значение исторических и логических категорий в формировании способа научного мышления. **(ISSN 2309-6764)** №1-1(59) 2019, саҳ. 79,84.

6. Обзор литературы по формированию научного мышления школьников в процессе познания. **(ISSN 2309-6764)** №1-1(59) 2019, саҳ. 103-108.

Рисолаи диссертатсионӣ дар мавзӯи «Асосҳои методии ташаккули услуби тафаккури илмии хонандагон дар ҷараёни таълими химия (аз рӯи маводи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – назария ва методикаи таълиму тарбия (химия, сатҳи таълими умумӣ) (илмҳои педагогӣ) барои ҳимояи кушод тавсия дода мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав қабул карда шуд.

Дар ҷаласа 11 нафар иштирок карданд. Натиҷаи овоздиҳии кушода чунин аст: тарафдор «11», бетараф, зид нест, №9 аз 3.04.2019 с.

Мудири кафедраи методикаи
таълими фанҳои табиатшиносӣ
номзади илмҳои педагогӣ Шамсуллоева Сабоат Сайфуллоевна

Котиби ҷаласа Шомудинова Тахмина

**Суроға:**
735140, ҶумҳурииТоҷикситон, ш.Бохтар, к. Айни, 67.
Тел.: (+992- 3222) 2-45-20, 2-22-53
e-mail: ktsu78 @mail.ru

Имзоҳоро тасдиқ мекунам:
Сардори шӯъбаи кадрҳои
ДДҚ ба номи Носири Хусрав Амиршоев А.
03.04.2019 г.